Ҳар касе, ки ду ҳамсар дошта бошад ва ба яке аз онҳо майл кунад (яъне миёни онҳо адолат накунад), рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки як тарафи баданаш кач (ё фалач) аст

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу), аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳар касе, ки ду ҳамсар дошта бошад ва ба яке аз онҳо майл кунад (яъне миёни онҳо адолат накунад), рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки як тарафи баданаш кач (ё фалач) аст."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي وابن ماجه وأحمد]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки ҳар кас чанд ҳамсар дошта бошад ва миёни онҳо адолатро риоят риоя накунад - адолате, ки тавони риоят кардани онро дошта бошад - , аз ҷумла баробарӣ дар нафақа, манзил, либос ва навбат (шабгузаронӣ), ҷазои ӯ дар рӯзи қиёмат он аст, ки нисфи ҷисми ӯ моил мегардад. Ва ин каҷӣ ҷазо барои ҷафо ва беадолатии ӯст, чунон ки дар зиндагӣ нисбат ба ҳамсаронаш майл ва ҷафо нишон дода буд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/58125

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee